# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ)**

Бартарии ҳунари шоирии Меҳдӣ Ахавони Солис нисбат ба дигар шуарои ҳамасраш дар он зоҳир мешавад, ки ӯ, пеш аз ҳама, бо ашъори шоирони мутақаддим комилан ошно буда, бо таваҷҷуҳ ба сурудаҳои онҳо тавонистааст дар ашъораш баъзе навовариҳое аз худ ба ҷой гузорад. Ин боис бар он шудааст, ки муҳаққиқону мунтақидони саршиноси эронӣ шоирро бо номҳои «шоири ҳамосаву дард», «шоири навпардоз», «ровии устураҳо» муаррифӣ кунанд. Воқеан, дар офаридаҳои Меҳдӣ Ахавони Солис нақши устураҳои Эрон, рӯҳияи қаҳрамонони ҳамосӣ ва таъсири забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хеле барҷаста аст.

Диссертатсия ба таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис - шоири шаҳири муосири Эрон бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия мабоҳиси марбут ба мавзӯъро дар ду боб тарҳрезӣ карда, ҳар бобро ба зербобҳо ҷудо намудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Зиндагӣ ва осори Меҳдӣ Ахавони Солис**» унвонгузорӣ шуда, дар он муҳаққиқ масоилеро марбут ба шарҳи ҳоли шоир, мероси адабии ӯ, шеъри Меҳдӣ Ахавони Солис дар манзари нақди адабӣ, мухтассоти ашъори Ахавони Солис аз лиҳози сохтору муҳтаво мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Баррасии андешаҳои илмӣ-назарии Меҳдӣ Ахавони Солис**» ном дошта, дар он афкори илмию интиқодии Меҳдӣ Ахавони Солис дар хусуси шеваи Нимо, жанрҳои машҳури шеъри форсӣ, нақди шеъри муосири Эрон ва дигар вижагиҳои шеъри муосири форсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мушоҳида мешавад, ки муаллифи диссертатсия ба моҳияти масъалаи ба ӯ вогузоршуда хеле хуб сарфаҳм рафта, барои мувофиқи талабот ҳаллу фасл намудани он саъю кӯшиши қобили таҳсин анҷом додааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ фаъолияти илмӣ- адабии Меҳдӣ Ахавони Солис мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест. Чунончи:

1. Хуб мешуд, ки диссертант ҳангоми таҳқиқи дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дар баробари дигар муҳаққиқони соҳибноми эронӣ аз таълифоту таҳқиқоти Эҳсони Ёршотир низ баҳра мебардошт.
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор меафзояд (саҳифаҳои 9, 10, 11, 12, 14, 15, 16, 17, 19, 20, 22).

Бояд зикр кард, ки эродҳои мазбур ҷузъӣ буда, моҳият ва арзиши аслии корро коста намегардонанд.

Мақолаҳои таълифнамудаи муаллифи диссертатсия аксаран мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Тағаймуродов Р. Ҳ.**

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Аҳмадов С. Г.**

**Имзоҳои Р.Ҳ. Тағаймуродов ва С.Г. Аҳмадовро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзод Ҷ. А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**